БАРОИ ПЕШРАФТ ВА ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ!

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

№ 5 (367),
5 марти соли 2020

► E-mail: hkhdt_khatlon@mail.ru ● www.hhdtkhatlon.tj

НАШРИЯИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## ИНТИХОБОТ-2020. КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСӢ НАТИҶАҲОИ ПЕШАКИИ ИНТИХОБОТИ ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОНРО ЭЪЛОН НАМУД



Дар Душанбе нимаи дуюми рӯзи 2-юми март Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Тоҷикистон (КМИР) натиҷаҳои пешакии интихоботи вакилон ба парламенти мамлакатро, ки дирӯз, 1 март баргузор гардид, эълон намуд.

Тавре Раиси КМИР Бахтиёр Худоёрзода имрӯз дар брифинг бо иштироки намояндагони аҳзоб, мушоҳидони байналмилалӣ ва воситаҳои ахбори омма изҳор дошт, дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихоботӣ аз рӯи рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ ба тарафдории Ҳизби Аграрии Тоҷикистон 700 ҳазору 582 нафар ё 16,50%, ба тарафдории Ҳизби Демократии Тоҷикистон 216 ҳазору 526 нафар ё 5,10%, ба тарафтории Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодии Тоҷикистон 705 ҳазору 252 нафар ё 16,61%, ба тарафдории Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон 132 ҳазору 49 нафар ё 3,11%, ба тарафдории Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон 218 ҳазору 696 нафар ё 5,15 %, ба тарафдории Ҳизби Сотсиал-Демократии Тоҷикистон 13 ҳазору 735 нафар ё 0,32% ва ба тарафдории Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон 2 139 741 нафар ё 50,40% овоз додаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки шумораи овозҳои интихобкунандагоне, ки ба муқобили рӯйхати ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ дода шудаанд, 52 ҳазору 30 нафар ё 1,39%-ро ташкил медиҳад.

Тибқи муқаррароти қонунгузории Тоҷикистон дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-гуфт Бахтиёр Худоёрзода,- Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон менамояд, ки ҳизбҳои сиёсие, ки ба тарафдории онҳо 5% ва зиёда аз он интихобкунандагони дар интихобот иштироккарда овоз додаанд, микдори зерини мандати вакилиро соҳиб шуданд.

Ҳизби Аграрии Тоҷикистон бо 16,50% 4 мандати вакилӣ, Ҳизби Демократии Тоҷикистон бо 5,10% 1 мандати вакилӣ, Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодии Тоҷикистон бо 16,61% 4 мандати вакилӣ, Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон бо 5,15 % 1 мандати вакилӣ, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо 50,40% 12 мандати вакилиро соҳиб шуданд.

Ёдовар мешавем, дар маҷмӯъ 4 миллиону 245 ҳазору 951 нафар интихобкунандагон дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ иштирок намуданд, ки ин 86,4%-и шумораи умумии интихобкунандагонро ташкил медиҳад.

Бахтиёр Худоёрзода ҳамчунин номи 41 нафар вакилони аз ҳавзаҳои якмандатӣ интихобшударо эълон намуд.

41 нафар номзадҳои зерин, ки ба тарафдории онҳо зиёда аз 50%- интихобкунандагони дар интихобот ширкатварзида, дар ҳавзаи якмандатаи дахлдор овоз доданд, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд.

Аз ҳавзаҳои интихоботии якмандата:

**Фирдавсӣ №1** — Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин

**Исмоили Сомонӣ №2** — Меликова Парвина Иноятуллоевна

**Шоҳмансур №3** — Обидов Фозил

**Сино№4** — Шоҳмурод Рустам

**Турсунзода №5** — Холмаҳмадзода Солеҳа

**Шаҳринав №6** — Баротзода Файзулло

**Ҳисор№7** — Уроқова Сурайё Дӯстмуродовна

**Сомонӣ№8** — Юсуфӣ Муҳаммадраҳим

**Рӯдакӣ №9** — Усмонзода Хайриддин Усмон

**Ваҳдат №10** — Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ

**Файзобод №11** — Наҷмиддинов Файзулло Раҷабович

**Рашт №12** — Зокирзода Муҳаммадтоҳир Зоир

**Хуҷанд №13** — Назирӣ Гулбаҳор Назир

**Бобоҷон Ғафуров №14** — Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ

**Урунхоҷаев №15** — Ахмедов Мирзоанвар

**Ҷаббор Расулов №16** — Акрамзода Баҳодур Исмоил

**Ашт №17** — Зиёӣ Баҳриддин Саҳобиддин

**Мастчоҳ №18** — Азиззода Ғайрат Мулломаҳмад

**Конибодом №19** — Раҷабзода Равшан Муҳиддин

**Исфара№20** — Шамсиддинзода Мавзуна Шамсиддин

Панҷакент №21 — Шодизода Парвиз Шодибой

**Айнӣ №22** — Шарифзода Ғиёсиддин

**Истаравшан№23** — Умаров Абдуҷаббор Қаҳҳорович

**Деваштич №24** — Исмоилзода Зуфар Муртазохон

**Спитамен №25** — Аҳмадзода Бахтиёр Ҳикматулло

**Бохтар №26** — Маҷидова Сарвиноз Комиловна

**Кӯшониён №27** — Шодиён Муҳаммад Султонзода

Абдураҳмони Ҷомӣ №28 — Ашӯрзода Гулбаҳор Сангилло

**Ёвон №29** — Азимзода Толибхон Ситамурод

Ҷалолиддини Балхӣ №30 — Тоҳирзода Ҳаким Ҳикматулло

**Қубодиён №31** — Файзуллозода Зафар Хайрулло

**Вахш №32** — Сафарзода Бахтовар Амиралӣ

**Ҷайҳун №33**- Шарофзода Гавҳар



**Фархор №34** — Раҳмонзода Зоҳир Файзалӣ

**Ҳамадонӣ №35** — Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович

**Данғара № 36** — Абдухолиқзода Лутфия Абдухолиқ

**Кӯлоб №37** — Ҳакимзода Шариф Саидович

**Мӯъминобод №38** — Абдуллоев Мироҷ Саломович

**Восеъ №39** — Латифзода Рустам Барот

**Ванҷ №40** — Қодири Қосим

**Хоруғ № 41** — Гиёзода Азиз Қодир

Ба гуфтаи Бахтиёр Худоёрзода, дар натиҷаи интихоботи баргузоргардида аз ҳизбҳои сиёсии дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ ширкатварзида аз рӯйхати номзадҳо ва аз ҳавзаҳои якмандатии интихоботӣ дар маҷмӯъ намояндагони шаш ҳизби сиёсӣ вакили Маҷлиси намояндагон интихоб гардиданд.

Ҳамин тавр,- гуфт Раиси КМИР, интихобот ошкорову шаффоф, ба таври озод ва дар асоси алтернативӣ баргузор гардида, дар он аксари интихобкунандагон бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ ширкат варзиданд.

«Иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар интихобот нишонаи камолоти фарҳанги сиёсии ҷомеа ва саҳмгузории мардуми шарифи Тоҷикистон дар пойдории Истиқлолияти давлатӣ ва суботи ҷамъиятиву сиёсии мамлакат арзёбӣ мегардад», — афзуд мавсуф.



ИШТИРОК ДАР ИНТИХОБОТ ҚАРЗИ ШАҲРВАНДИСТ 2



*РӮЙХАТИ ВАКИЛОНИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН АЗ ҲХДТ ТИБҚИ НАТИҶАҲОИ ПЕШАКӢ* 3




ТАБРИКОТИ РАЁСАТИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲХДТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БАХШИДА БА РӮЗИ МОДАР 4



ҲИЗБЕ, КИ БУНЁДАШ ОРЗУВУ ОРМОНИ ХАЛҚ БУД 7



СИТОДИ ПЕШАЗИНТИХОБОТИИ ҲХДТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН АЗ ФАЪОЛИЯТИ ХУД НАТИҶАГИРӢ КАРД 8

# ИШТИРОК ДАР ИНТИХОБОТ ҚАРЗИ ШАҲРВАНДИСТ

*Субҳи 1-уми марти соли 2020 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ба участкаи интихоботии №15, ҳавзаи интихоботии №2-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ташриф овարданд.*

*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар участкаи интихоботии №15 дар асоси талаботи қонунгузории мамлакат дар ҳузури мушоҳидони сершумори байналмилалӣ, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ва васоити ахбори оммаи дохиливу хориҷӣ ба ҷонибдории номзад ва ҳизби сиёсии арзанда ба хотири пешрафту шукуфоии боз ҳам афзуни Тоҷикистони соҳибистиқлол овоз доданд.*

## *СУРАТГУЗОРИШ АЗ ИНТИХОБОТ*











*ҲАКИМЗОДА Қурбон, раиси вилояти Хатлон*



***МИРАЛИЁН Қиёмиддин,*** **раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон**





# *РӮЙХАТИ*
## *НОМЗАДҲОИ ИНТИХОБШУДА БА ВАКИЛИИ МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН АЗ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ТИБҚИ НАТИҶАҲОИ ПЕШАКӢ*

| Рақами ҳавза | |
|---|---|
| | **ш.Бохтар** |
| 1 | ИСМОИЛЗОДА АБДУАЛИМ АБДУЛАЗИЗ |
| 2 | АБДУНАЗАРЗОДА ШОИСТАИ АБДУНАЗАР |
| 3 | АСАДУЛЛОЗОДА ҲАСАН |
| 4 | НУРАЛИЗОДА АЛИХОН ҶИЁН |
| | **ш.Кӯлоб** |
| 5 | ГАДОЕВА ҲАЛИМА САЙВАЛИЕВНА |
| 6 | ҲАМИДИЁН ОРЗУ ЗУБАЙДУЛЛО |
| 7 | ШАРИПОВА ГУЛРУХСОР МИРЗОҲАКИМОВНА |
| 8 | ҲАКИМЗОДА ҚУРБОН |
| 9 | ОДИЛЗОДА ДИЛБАР РАҲИМ |
| | **ш. Норак** |
| 10 | НЕЪМАТЗОДА МАЛИКШО МАҲМАДШО |
| | **ш. Леваканд** |
| 11 | ДАВЛАТЗОДА ЗАРИНА ДИЛМУРОД |
| | **Н. Балҷувон** |
| 12 | ЗОИРЗОДА МАЪРИФАТ ОЙМАҲМАД |
| | **н. Носири Хусрав** |
| 13 | НИШОНЗОДА ДАВРОН НАЗАРАЛӢ |
| | **н. Кӯшониён** |
| 14 | ВАЛИЗОДА ИКРОМИДДИН СИРОҶИДДИН |
| 15 | АБДУСАЛОМЗОДА МУНАВВАР АЛИАКБАР |
| 16 | ЮСУФЗОДА АБДУҶАББОР |
| 17 | ФАЙЗУЛЛОЕВ НУСРАТУЛЛО УБАЙДУЛЛОЕВИЧ |
| 18 | ШАРИФЗОДА МУҲАМАДЗАРИФ |
| | **н. Вахш** |
| 19 | ТОҶИДДИНЗОДА ГУЛИЗОР |
| 20 | ЮСУПОВ ҚУРБОНАЛӢ ҚУВВАТОВИЧ |
| 21 | МАҲМАДОВ ОДИЛҶОН НАРЗУЛЛОЕВИЧ . |
| 22 | РИЗОЕВ НУРАЛӢ ФАЙЗАЛИЕВИЧ |
| | **н. Восеъ** |
| 23 | МИРЗОАЛИЕВ САФАР ҚУРБОНОВИЧ |
| 24 | ФИРӮЗА ШАРИФӢ БУРИХОНЗОДА |
| 25 | ДАВЛАТЁРЗОДА НАСИБА МУҲАММАД |
| 26 | КАБИРОВ АВАЗХОН СУЛТОНОВИЧ |
| 27 | ШАРБАТУЛЛО АЗИЗУЛЛО |
| | **н. Хуросон** |
| 28 | ҚУРБОНИ АЛИМАРДОН |
| 29 | САФАРЗОДА РАҲМАТУЛЛО ХАЙРУЛЛО |
| | **н. Данғара** |
| 30 | РАҲМОН ИСЛОМИДДИН ХАЙРИДДИН |
| 31 | ФАЙЗИДДИНЗОДА БУНАФША |
| 32 | РАҶАБЗОДА РАҶАБАЛӢ САЙФИДДИН |
| | **н. Ёвон** |
| 33 | ХОЛОВ БАРФИХОН ТАҒОЙХОНОВИЧ |
| 34 | АБДУЛЛОЕВА РАЪНО АБДУРОЗИҚОВНА |
| 35 | САИДЗОДА ҶАМШЕД ҲАМРО |
| 36 | ОЛТИБОЕВА ГУЛРУХСОР ҶӮРАҚУЛОВНА |
| | **н. Қубодиён** |
| 37 | АБДИЕВА ОЙНАБОД ЗОИРОВНА |
| 38 | ҲИЛОЛӢ РУДОБА |
| 39 | САДРИДДИНЗОДА БАДРИДДИН ТАЛБАК |
| 40 | ---------------------------------------------- |
| | **н. Ҷалолиддини Балхӣ** |
| 41 | УБАЙДУЛЛОИ ФАЙЗУЛЛО |
| 42 | АСАДУЛЛОЗОДА ХОЛМУРОД |
| 43 | АБДУЛЛОЗОДА ИСМАТУЛЛО ФАЙЗУЛЛО |
| 44 | АБДУСАЛОМЗОДА АНЗУРАТ АБДУСАЛОМ |
| | **н. Ҷайҳун** |
| 45 | ОДИНАЗОДА АБДУҲАФИЗ АБДУСАТТОР |
| 46 | САТТОРЗОДА ШИРИНМОҲИ АБДУЛМУЪМИН |
| 47 | ВАЛИЕВ ФИРДАВС СИРОҶОВИЧ |
| | **н. Ҳамадонӣ** |
| 48 | ТАҒАЙМУРОДЗОДА САНИФА ТАҒАЙМУРОД |
| 49 | МИРЗОЗОДА НИЗОМ ЮСУФӢ |
| 50 | ОДИНАЗОДА БОЗОРАЛӢ НЕЪМАТ |
| 51 | БАЁНЗОДА НИГИНАМО ИЛЁС |
| | **н. Муъминобод** |
| 52 | МИРЗОШАРИФЗОДА САБОҲАТ МИРЗОШАРИФ |
| 53 | АМИРШОЗОДА ТОҲИРХОН ТЕМУР |
| | **н. Панҷ** |
| 54 | ШОҲИЁН ЗАРИФХӮҶА ФАҚЕР |
| 55 | ОДИНАЕВА ГУЛШАН САЙДАҲМАДОВНА |
| | **н. Темурмалик** |
| 56 | ЗУҲРОИ МАҲМАДСАИД |
| 57 | АМИНЗОДА ФОТЕҲИ ФАЙЗУЛЛО |
| | **н. Фархор** |
| 58 | РАҲМАТЗОДА РУСТАМ МИРЗО |
| 59 | ЯТИМОВ МУЪМИН САТТОРОВИЧ |
| 60 | ИСОЗОДА ФАРҲОД ЧИЛЛАХОНОВИЧ |
| | **н. Ховалинг** |
| 61 | АКРАМЗОДА ПАРВИЗ АКРАМ |
| | **н. Абдураҳмони Ҷомӣ** |
| 62 | МУЪМИНЗОДА МАСТУРАИ ТАБАРӢ |
| 63 | ЗОИРЗОДА УМЕД ТОИР |
| 64 | САИДИ ЁҚУБЗОД |
| | **н. Дӯстӣ** |
| 65 | САИДЗОДА НУРМУҲАММАД ХОЛ |
| 66 | --------------------------------------------- |
| | **н. Шаҳритуз** |
| 67 | ҶАББОРИ ҒАФФОР |
| 68 | БОБОЕВА ҲУСНОРО ДОВУДОВНА |
| | **н. Шамсиддини Шоҳин** |
| 69 | ЗАРИФЗОДА ПОЧОХОН ҲАБИБУЛЛО |

# ТАБРИКОТИ РАЁСАТИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲХДТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БАХШИДА БА РӮЗИ МОДАР

Ҷашни Рӯзи модар дар даҳрӯзаи аввали фасли баҳор, дар давраи бедории табиат рост меояд. Модар шахсиятест, ки инсон меофарад, ба ӯ ҳаёт мебахшад, ӯро дар оғӯши гарму пурмеҳри худ мепарварад. Аввалин сухан ва нахустин қадамҳоро ба тифлаш ёд медиҳад, фарзанди худро бо ҳазорон орзуҳои нек ба камол мерасонад. Эҳсоси садоқату самимият, некиву накӯкорӣ, ташаккули маънавии наслҳо натиҷаи заҳмати шабонарӯзии модарони мушфиқу ғамхор ва мунису меҳрубон мебошад.

Модарон ҳастанд, ки ба ин дунё зебоӣ мебахшанд ва зиндагӣ ширину гуворост. Имрӯз занону модарони тоҷик дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа софдилона кору фаъолият менамоянд ва бо заҳмати бунёдкоронаву ташаббусҳои созандаашон барои рушди давлати соҳибистиқлоламон саъю талош доранд.

ҲХДТ ба масъалаи ҷалби занону ҷавонон ва духтарони соҳибмаърифату болаёқат ба корҳои давлативу ҷамъиятӣ ҳамчун неруи тавоно ва пешбаранда таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, барои ҳамоҳанг намудани фаъолияти сохторҳои давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ барои ҳалли мушкилоти аъзои ҷомеа кӯшиш мекунад.

Нақши занону модарон дар татбиқи Барномаи ҲХДТ, бахусус пойдориву устувории оила ва фароҳам овардани фазои орому солим дар хонавода, басо бузург аст. Миллати тамаддунсози тоҷик дар тӯли асрҳо доир ба одоби оиладорӣ, муносибатҳои хонаводагӣ ва таълиму тарбияи фарзанд суннату меъёрҳое эҷод кардааст, ки онҳо маҳз тавассути занону модарони арҷманди мо барои наслҳои имрӯзу фардо низ чун мактаби беҳтарини зиндагӣ хизмат мекунанд ва ин гуфтаҳо пайваста дар таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мегарданд.




Бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон қабул гардидани «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ҷиҳати таҳияву татбиқи як силсила санадҳои муҳими марбут ба беҳдошти вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии занону бонувон заминаи воқеӣ гузошт.

Барои духтарони деҳоту ноҳияҳои дурдаст муқаррар намудани квотаи президентӣ яке аз ғамхориҳои давлату ҳукумат ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад, ки ҳазорон нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хатм карда, ҳоло дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат муваффақона кору фаъолият доранд.

Агар бонуи хонадон босавод бошад, фарзандони худро дуруст тарбия менамояд, онҳоро солиму бардам ва ҳамчун шахсиятҳои соҳибмаърифат ба камол расонида, оилаи намунавӣ барпо месозад.

Ҳамаи шумо бонувон ва модарони азизро ба ҷашни фархундаи Рӯзи модар табрик мегӯем ва рӯзгори хушу босаодатро таманно дорем.

**БА ИФТИХОРИ РӮЗИ МОДАР**

***Беҳуда нест, ки бузургони олам дар назди қадру манзалати зан - модар сари таъзим фуруд оварда, эътироф кардаанд, ки ӯ воқеан бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар сайёраро меҷунбонад. Дар ҳақиқат, мақому мартабаи зан дар ҷомеае, ки худро пешрафтаву мутамаддин мешуморад, басо арзанда ва баланд аст.***

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ОЗАРРО МОДАР МАЪРУФ КАРД



**Озар Салим аз ҷумлаи шоирони шинохтаи ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, эҷодиёташ шефтагони зиёд дорад. Яке аз шеърҳои Озар “Модар фаришта буд” дар тамоми кишвар ва бурун аз он ба зудӣ ба дили мардумони зиёд роҳ ёфт. Бо ӯ атрофи эҷоди ин шеър мусоҳибае анҷом додем, ки фишурдааш инҷост.**

***–Устод, ин шеъри воло дар чӣ шароит ва бо чӣ эҳсосот эҷод шудааст?***

– Ростӣ, вақте ки ин шеър эҷод шуд ва онро хондам, аз чашмонам ашк рехт. Ин бе муҳобот, бе ягон муболиға. Дар ҳамин ҳолат як рафиқам занг зад. Барояш ҳамин шеърро хондам. Баъди чанд лаҳза дар саҳифаи интернетии иҷтимоӣ нашраш кард ва баъдан бисёриҳо дар саҳифаҳои худашон бознашраш карданд.

Агар гӯем, ки “Модар фаришта буд” кашфи ман аст, нодуруст аст. Чунки пеш аз ин ҳам мегуфтанд, ки модар фариштаи заминӣ аст. Ман фақат он чи дар бораи модар хондаву мутолиа карда будам, андешаву фикрҳое, ки доштам, ҳамонҳоро ба таври хулоса дар ҳамин шеър овардам. Яъне аз чизҳои пароканда чизи беҳтаре ҷамъ оварда, онро бо забони шеър баён кардам.

Ба ростӣ, ман умед надоштам, ки ин шеър ин қадар тавфиқманд мешавад. Мардум онро аз бар мекунанд, дӯст медоранд. Бисёр хурсандам, ки шеърам писанди мардум шуд. Бароям ҳаминаш хушоянд аст, ки чанд нафар занг заданд. Яке гуфт: “Устод, баъди шунидани ҳамин шеъри шумо аз Русия ба суроғи модари худ омадем”. Агар шеъри ман чунин хизмате карда бошад, ин бароям болотар аз ҳама ҷоизаву мукофотҳост!

***–Ба андешаи шумо, чаро ин шеър то ин андоза ҳаводорони зиёд пайдо кард?***

–Баъзе чизҳое ҳастанд, ки худи одам ҳам сабаби муваффақ шудан ё муваффақ нашуданашро намедонад. Агар ҳамин чиз дар ихтиёри худи шоир мешуд, вай кӯшиш мекард, ки ҳар як шеъраш чунин бошад. Масалан, ман як шеърро менависам, кӯшиш мекунам, ки аз ҳамаи қудрату истеъдод истифода барам. Бедорхобӣ кашида, онро эҷод мекунам, лекин мебинам, ки муваффақ намешавам. Як чиз мебарояд, лекин шеъре, ки даҳон ба даҳон гузараду аз дил ба дил расад, намешавад. Як шеъри дигар мегӯӣ, шояд он қадар заҳмат намекашӣ, лекин ба зудӣ писанди мардум мешавад.

***–Дар хотима вобаста ба бузургии модар шояд гуфтание дошта бошед?***

–Ҳамаи модаронро самимона табрик мекунам! Модарон ҳастанд, ки зиндагӣ ҳаст. Модар аст, ки инсон хоҳиши ба хона рафтан мекунад. Кӯдак агар бозӣ кард, камтар хаста шуд, хумори оғӯши модар мегирадаш ва ба оғӯши модар медавад. Умрашон дароз бодо! Ғамро набинанд! Ва агар дар хонае садои гиря бошад, бигзор, он гиряи тифли навзод бошад.

***Модар фаришта буд, фақат болу пар надошт,***
***Шояд ки дошт болу пар, аммо хабар надошт.***
***Ё дошт огаҳӣ зи пару боли хеш, лек,***
***Майли ҷудо шудан зи ману аз падар надошт.***
***Дар кӯдакӣ ба модари худ хостам барам,***
***Як ҳадя, лек ҷайби ман он лаҳза зар надошт.***
***Зар ёфтам ба гоҳи ҷавониву он замон,***
***Ҷуз ишқи ёр сина ҳавои дигар надошт.***
***Вақте ба ёди ҳадя фитодам, ки модарам,***
***Рӯи лабаш ба ғайри «видоъ, эй писар» надошт.***
***Модар фаришта буд, пари худ кушоду рафт,***
***Аз бас илоҷ пеши қазову қадар надошт.***
***Модар фаришта буд, дақиқан, фаришта буд,***
***Ҳатто ба душ болу паре ҳам агар надошт.***

***М. АКРАМОВ,***
***“Ҳамрози халқ”***

# «КОШ, СУХАНОНИ МОДАРАМРО САБТ МЕКАРДАМ...»



**Насиба Латифова сароянндаи чавон аст. Дар мавзӯи модар суруд суроидан барояш писанд мебошад. Дар баробари сарояндагӣ роҳбарии осорхонаи таъриху кишваршиносии ноҳияи Ҷалолиддини Балхиро ба уҳда дорад.**

***–Насиба, атрофи бузургии модар чӣ назар доред?***

–Ман аз модар дида шахси бузургтарро надидаам. Ҳатто фикр мекунам, ки аз ҳама шахсияти бузурги дунё ин модари ман буданд. Симои модарам ҳамеша пеши назарам аст. Ман баъд фаҳмидам, ки модар тамоми ҳастии худро ба фарзанд мебахшидааст...

Дар оила ду бародару як хоҳар будем. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки ба ман бисёр таваҷҷуҳ доштанд. Ончунон бо модарам наздик будам, ки гумон мекардем, ҳарду як одамем ва як дил дорем. Соати 8-и субҳ вақте ки ба кор мерафтам, модарам маро ҳамроҳӣ мекарданд. Ягон кор надоштанд, омада бо ман дар осорхона менишастанд. Агар ба тӯю маърака, ба чорабиниҳои сиёсӣ, ба сафарҳои ҳунарӣ мерафтам, модарам маро ҳамроҳӣ мекарданд. Тамоми ҳаёти худро ба ман бахшида буданд. Мегуфтанд, ки ман бо ту зиндаам.

Дар 26 соли ҳаёти худ фаҳмидам, ки модар нафарест беғараз ва дӯстдориаш бетамаъ. Мисол, як нафар дӯст медорад. Ӯ ҳатман ба ивази дӯстдорияш чизе мехоҳад. Дӯстдории модар беандоза, бепоён, бемаҳдуд аст. Ҳеҷ кас, на фарзанд, на бародар, на шавҳар, ягон шахсияти рӯйи дунё туро ончунон дӯст намедоштааст, ки модар дӯст медорад!

***–Насиба, дар суханрониятон «…модарам буданд» гуфтед. Магар…?***

–Чӣ кунем? *(гиряҷунон)... Се сол боз бо амри тақдир...*

***–Дар фаъолияти эҷодиятон ба мавзӯи модар аз ҳама бештар руҷӯъ кардаед. Чаро?***

– *"Ман мехостам ҳунарманд бошам, аммо натавонистам. Мехоҳам орзуҳоямро дар ту бинам». –* Ин насиҳати модарам буд. Дар ҷодаи санъат, эҷодиёт ягона шахсе, ки маро дастгирӣ мекард, ин модарам буданд. Маслиҳат медоданд, ки чӣ суруд хонам, чӣ гуна либос пӯшам.

Ҳунарманд шудани маро аз ҳама беш модарам мехостанд. Дар ин мавзӯъ суруд хондан бароям писанд аст. Аввалин суруде, ки сароидам, шеъри "Модар"-и Лоиқ Шералӣ бо оҳанги Мурод Иброҳим буд ва он ҷо модарам иштирок доштанд. Акнун шеъри устод Гулрухсорро, ки ба мавзӯи бемодарӣ бахшида шудааст, омода карда истодаам, ки дар рӯзҳои наздик манзури мухлисон мекунам.

***–Даврахои бо модар будан чӣ рӯзгоре доштед? Эҳсоси бемодарӣ чӣ таъсире гузошт дар зиндагӣ ва кору эҷодатон?***

–Бо модарам будан беҳтарин лаҳзаҳои зиндагиям буданд. Афсӯс, он лаҳзаҳо дигар бар намегарданд. Вақти шодиям мегӯям: "Чӣ рӯзҳои нағз! Афсӯс, модарам инро намебинанд". Рӯзҳои мушкил ҳам пеш оянд, мегӯям: "Модарам мебуд, ман ба ин чиз дучор намешудам!".

Баъзан ба маслиҳаташон муҳтоҷ мешавам, ба сари манзилашон меравам, аммо афсӯс, саволҳоям беҷавобанд... *(ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуданд).*

Вақте ки фарзандамро дар оғӯш гирифтам, зиндагиям дигар шуд. Баъд фаҳмидам, ки модар маро чӣ гуна дӯст медоштааст. Дар кӯчае бошам, мехоҳам, ки тез ба хона рафта, фарзандамро бинам. Баробари диданаш тамоми хастагиям рафъ мешавад.

*"Ман бояд фарзандамро тарбия кунам, ба камол расонам, инсони бузург созам».* - Ин аст хости дили ҳар як модар!

***–Ба хонандаи азиз, мухлисони хеш шояд гуфтание дошта бошед?***

–Ба қадри модарон расед! Модарам такрор ба такрор насиҳат мекарданд. Боре гуфтам:

*"Оча, ин қадар такрор накунед! Як бор гуфтед, бас!".*

Бо таҳаммул ҷавоб доданд:

*«Замоне суханони маро ба ивази тилло намеёбӣ!".*

Кош, суханони модарамро сабт мекардаму... *(Гиря гулӯгираш кард, дигар сухан гуфта натавонист).*

**М. Акрамов,**
**"Ҳамрози халқ"**

# "БАҲОРОН БА МОДАРАМ ГУЛИ ЛОЛА ТУҲФА МЕОВАРДАМ"



**Анвар Ҳафизовро тамошобинони телевизиони Хатлон ҳамчун муаллиф ва ровии барномаи "Сайқали хирад" мешиносанд. Давоми 14 сол аст, ки мавсуф ин барномаро ба уҳда доранд. Дар мавзӯи модар бо ӯ мусоҳибае анҷом додем, ки фишурдаашро манзур мегардонем.**

***–Бузургии модарро бо мафҳуму ифодаҳои гуногун васф мекунанд. Оё ҳамин мафҳумҳо маънии модарро пурра карда метавониста бошанд?***

–Чӣ вожаи зебост модар. Вақте ки модар мегӯем, як эҳсосоте моро фаро мегирад, ки банда дар тасвири он қудрат надорам. Ба модар фариштаи заминӣ, олиҳаи ҳусн ва даҳҳо ҳамин гуна ташбеҳҳои дигарро нисбат медиҳанд, аммо ҳеҷ кадоме аз онҳо ин маъниро пурра карда наметавонанд. Ростӣ, фикр мекунам, ки ҳеҷ кадоми мо қудрати васфи пурраи тинати ин шахсияти бузургро надорем.

***– Оё дар зиндагӣ аз каси дигар меҳр ва бузургиеро, ки баробар бо бузургӣ ва меҳри модар бошад, дарёфтан имкон дорад?***

–Меҳру муҳаббати модарро дар кошонаи қалб парваридан ва дар вуҷуди хеш муҳаббати ӯро эҳсос кардан ва худро дар оғӯши меҳри модар дарёфт кардан хушбахтии фарзанд аст. Ҳеҷ нафаре наметавонад, ки ҷойи модарро бигирад. Ростӣ, баъзе шахсони ба дил наздикро бо як самимият очаҷон мегӯям. Ҳамин очаҷон гуфтану меҳрубонӣ кардан бо онҳо як лаҳза таскини қалб мешаваду бас. Ман наметавонам мисли модари худ шабонарӯзӣ меҳрашонро эҳсос кунам, чунки аз фарзанду наберагони худ зиёдатӣ нестанд. Ман мехоҳам он нафаре, ки модар мегӯямаш, дар хонаи ман ҳафтаҳо меҳмон бимонад, аммо бар ивази ин як чиз мегӯянд: "Мо дар хона дуогӯйи ту ҳастем. Имкон нест, ки меҳмони ту бошем". Фикр мекунам, ки холаю амма, хулоса, ҳеҷ кас дар ҷойи модар буда наметавонад.

***– Дар вилояти Хатлон шуморо ҳамчун ровии барномаи ирфонии «Сайқали хирад» мешиносанд. Тавассути ин барнома дар хусуси шинохти бузургии модар чӣ хизматеро ба мардум анҷом додаед?***

– Зиёда аз 14 сол аст, ки тариқи ин барнома дар болоравии маънавиёти шаҳрвандон саҳмгузорӣ мекунам ва ин барои ман ҷойи ифтихор не, балки ҷойи шукргузорист. Барои ман дарёфти унвон муҳим нест, балки эътиқоди мухлисонам муҳим аст.

Набояд фаромӯш кард, ки модар арзишмандтарин инсон дар ҳаёти ҳар шахс аст. Мо ҳарчанд шабурӯз тоату ибодат кунем, садақаҳои чория анҷом диҳем, агар модар аз мо розӣ нест, аз ҳолаш хабар надорем, ҳамаи аъмоламон барбоданд. Сад афсӯс, ҳастанд фарзандоне, ки арзиши модарро намедонанд. Баъзеҳо мегӯянд, ки модар силаи раҳм аст, аммо аз дили ҷабрдидаи модар Худованд огоҳ аст.

Баҳорон вақте аз Душанбе ҷониби Бохтар меоям, худро хеле маъюс эҳсос мекунам, зеро ҳар баҳор вақте ба хона бармегаштам, ба модарам гули лола тухфа меовардам.

Мавзӯи модар мавзӯи доманадор аст. Модар ҳамон нафаре ҳаст, ки ҳаётбахшу наҷотбахши инсоният унвонаш кардаанд. Модар шахсиятест, ки бузургтарин родмардонро ба дунё овардааст. Бузургтарин паҳлавон ҳам қудрат надорад, ки хизмати модарро анҷом бидиҳад.

Таманно мекунем, ки модарони мо ҳамеша гули сари сабади хонадони мо бошанд. Чунки агар модар хушбахт бошад, беҳтарин фарзандонро ба камол мерасонад.

**М. АКРАМОВ,**
**"Ҳамрози халқ"**

БАХШИДА БА РӮЗИ МОДАР

# ЗИНДАГӢ АЗ МОДАР НУР МЕГИРАД

***Занону духтарон дар ҷомеаи имрӯзаи мо нақши фаъол дошта, дар аксари соҳаҳо, бахусус, дар бахшҳои иҷтимоӣ бештар кору фаъолият менамоянд.***

***Бо қаноатмандӣ изҳор медорам, ки занону бонувони мамлакат дар татбиқи сиёсати давлат баробари мардон кору фаъолият намуда, дар рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ саҳми арзанда гузошта истодаанд.***

***Мо минбаъд низ дастгирии занону духтаронро густариш бахшида, ташаббусҳои созандаи онҳоро дастгирӣ менамоем.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

***Дили модар чу дарёи равон аст,***
***Ҷаҳони меҳри модар бекарон аст.***
***Сано бодо Муҳаммадро, ки гуфтаст,***
***“Биҳишт зери қудуми модарон аст”.***

Беҳуда нест, ки бузургони олам дар назди қадру манзалати Зан - Модар сари таъзим фуруд оварда, эътироф кардаанд, ки ӯ воқеан бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар сайёраро меҷунбонад. Дар ҳақиқат, мақому мартабаи зан дар ҷомеае, ки худро пешрафтаву мутамаддин мешуморад, басо арзанда ва баланд аст.

Зиндагии ҳар фарди ҷомеа аз меҳру муҳаббат ва сидқу вафодории Зан – Модар маъво мегирад. Зан чароғи мунаввари хонадон, ҳидоятгари ахлоқи нек ва дастгиру наҷотбахши ҳамешагии мост. Фазилати оливу рушду нумӯи ҷомеа аз талошҳои пайвастаи онҳо сарчашма мегирад!

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузургиву беназирии Модарро ситоиш намуда гуфтаааст: “Бешак, дар ҷомеае, ки сафи занҳои босаводу бомаърифат меафзояд, пешравӣ босуръат хоҳад буд ва дар он шумораи ҳар чӣ бештари фарзандони хуб тарбия хоҳанд ёфт”.

Ба сиёсат ворид гардидани занмодари тоҷик нишонаи эҳтиром ва нерӯи азалию созандааш аст. Имрӯз занону бонувон дар тамоми шохаҳои гуногуни ҳаёти кишвар фаъолона ширкат меварзанд. Баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа бори дигар нуфузу обрӯи зан- модари Тоҷикистониро дар арсаи ҷаҳон боло намуд.

Ин ҳама бузургиву беназирии Модар аст, ки маҳз дар айёми дӯстиву муҳаббат, фасли нозанини баҳор ва лаҳзаи гуворои он “Рӯзи модар” таҷлил карда мешавад.

А. М.Горкий ҷойе гуфтааст, ки “Бе офтоб гулҳо намешукуфанд, бе муҳаббат хушбахтӣ нест, бе зан ишқ нест, бе модар шоир нест, қаҳрамон ҳам нест. Тамоми ифтихори дунё аз модарон аст”. Бешак модарон зебоии рӯзгору хонадони мо ҳастанд. Меҳрубонӣ, тозагӣ, ишқ, муҳаббат ва зан - модар бо ҳам ҳамрадифанд. Месазад, ки ин ҳамаро қадр кард.

Бо боварӣ ба ояндаи дурахшони Тоҷикистони азиз ва қувваи бузурги занону модарони тоҷикистонӣ бо итминон изҳор медорам, ки мо низ кафили рушду нумӯ ва амнияту суботи Ватани азизамон шуда метавонем.

Ҳамчун як зан -модар Рӯзи модарро ба кулли мардуми шарифи кишвари азизам муборакбод намуда, дуо мекунам, ки илоҳо ба бахти баланди миллати тоҷик офтоби миллаташ доимо тобон, Пешвои муаззамаш дар амон ва модари гаҳвораҷунбонаш саодатманду



хуштолеъ бошад.

Иди зебоятон мубораку хуҷастапай бошад, модарони азизу меҳрубон!

***Саёҳат АБДУЛЛОЕВА,***
***узви КИМ ҲХДТ, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон***



***Шафоат КОМИЛОВА,***
***муаллимаи калони кафедраи фанҳои гуманитарии Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб, ҳамзамон раиси Шӯрои занони ҳамин муассиса***

Зан фаришта ва олиҳаи ҳусни зебои зиндагист. Зеро намаки зиндагӣ аз хазинаи меҳру муҳаббати ӯ берун меояд, вагарна умри мард лаззате надорад. Занмодар ба ҳама хушбахтиҳову гуфтаниҳо арзандатарин шахс мебошад.



***САФАРЗОДА Сабзигул Саидзод,***
***собиқадори ҳизбу меҳнат***

Зан хушбахт аст, агар модар бошад. Дар хонавода меҳру муҳаббати поку самимӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ бошад, албатта зан хушбахт мегардад. Бигзор ҳамеша занону модарони тоҷик солим бошанд. Ид муборак бонувону модарони азиз!



***Нуринисо МАНСУРОВА,***
***сарпарастори Маркази бемориҳои пӯсту сирояткунандаи ҷинсии вилояти Хатлон***

Солимии модар –солимии миллат аст. Агар имрӯз зан модари тоҷикро солим нигоҳ дошта натавонем, фардо аз ин миллату аз ин кишвар фарзанди солимро умедвор шудан нашояд. Пас мебояд, ки мо занону модарони хешро эҳтиёт намоем. Ид муборак, модарони гиромӣ!



***Абдусаломзода Мунаввар Алиакбар,***
***раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кӯшониён***

Парвардигори оламу одам дар офариниши Зан- Модар беҳтарин хислат, зеботарин ҳусн, ширинтар лутфи сухан, бузургтарин қалбро арзонӣ доштааст ва аз ҳама бузург дуои модарро мустаҷоб гардонидааст. Зеро зеботраин каломи Парвардигор модар аст. Нишоти шодии қалби пиру ҷавон модар аст, чароғе, ки натанҳо хонадон, балки ҷаҳонафрӯз аст, аз нури модар аст. Ободиву хушбахтӣ зебу зиннати хонадон ва малҳам ба дарди дардмандон модар аст. Модар аст, ки бахт ба рӯямон хандида, соҳибдавлатӣ насибамон гардида, модар аст, ки тоҷикон тоҷ бар сар гаштааст.

Албатта, дасти дуои модар буд, ки як тифли нораво будем, равон гаштем, безабон будему сухандон шудем, нобино будему бино шудем ва баҳри имрӯзу фардои ҷомеа саҳмгузорем. Дар ин бора Лоиқи бузург фармуда:

***Сад ҷону дил фидои як муддаои модар,***
***Фатҳу кушоиш орад, дасти дуои модар.***

***Зебо БОЗОРОВА,***
***«Ҳамрози халқ»***

## АНДАРЗҲО ДАР ВАСФИ МОДАР

Ҷойгоҳи Модар муқаддас аст, ҳар кӣ модарро дашном гуфт, дашном ба ҳафт пушти худ гуфт.

Қимсати модар шабеҳи шамъ аст, ки месӯзад. Барои фарзанд ҳам. Ҳам аз хокистари худ боз эҳё мешавад то бисӯзад. Боз барои фарзанд.

Беҳтарин шеъри офаридаи Парвардигор модар аст. Ба ҳама забон метавонаш хонд, ба ҳама забон метавон суруд.

Шоҳаҳои дарахти меҳри модарони дунё рӯзе ба ҳам печад, тавонотарин бӯрони офат наметавонад онро аз бех канад.

Кӯҳҳо бо сарандози сапедӣ барфӣ модаронро мемонад. Қуллаҳои остинпӯши сапедаш сокит, ба дастони ба дуо кашидаи модар шабеҳ аст.

Орзуҳои сафеди модар поянда бод!

Шаб ангор чашмони сиёҳи модари ман бошад, ки ҳанӯз ба ҳафри ашки ситораҳо бароям афсона мебофад.

Поктарин таҳорат- такрори номи модар аст!

Кист, ки мисли модар тавонад аз ҷон, аз дил биофарад?

Бузургии модарон дар он аст, ки Чингизро ҳам ба дунё додаву Суқроту Афлотунро низ.

Баъди рафтани модар мо гармтарин оғӯш, нармтарин сухан ва шевотарин нағмаи зиндагии худро гум мекунем.

Хуршеду гулу обшор ба забони модар ҳарф мезананд. Аллаи модар рӯшноист дар дили шаби торик. Баҳру уқёнусҳои азим лаб фурӯ бастаанд, кӯҳҳои сарафрохта дар сукутанд. Рӯзе аз бузургии муҳаббати модар суол кунанд, ҳарф хоҳанд зад.

Хоки пойи модарон беҳтарин сурмаи дард.

Биҳиште гар дар ин дунё ҳаст, суҳбату дидори модар аст.

Ҳар, кӣ озори модарро раво дид, ҳеҷ муҳаббатеро шоиста нагардад.

Баҳори орзуи модар дашту биёбони сӯзонро ҳам сабз мегардонад.

Марги модар барои мо афсона аст, ки бовар намекунем.

***Умеди модар то охирин нафас сабз аст.***
***Ҳар кӣ ин умед хазон кард, хоҳад сӯхт.***

# ИҚТИДОРИ ЗЕҲНИИ ҶАВОНЗАНОН АСОСИ РУШДИ ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ

Тоҷикистон яке аз кишварҳое мебошад, ки мақоми занонро дар ҷомеа арзишманд арзёбӣ намуда, бахри таъмини баробарҳуқуқии мардону занон дар ҳама муносибатҳо пайваста тадбирҳо меандешад.

Тибқи омори расмӣ занон ҳудудан нисфи аҳолиро ташкил медиҳанд ва маҳз аз ҳамин ҷо асосҳо вобаста ба зарурати фаъол будани занон, мавқеи хосса доштани онҳо дар ҷомеа, аз ҷумла дар таълиму тарбияи фарзандон, ҳамқадами ҷомеаи муосир – соҳиби донишу малакаи касбӣ будан ва ҳомӣ – нигоҳдорандани арзишҳои миллии ниёгон, таҳкимдиҳандаи маданияти оиладорӣ ва тарбиядиҳандаи ахлоқ будани онҳо маншаъ мегиранд.

Маданияти оиладорӣ, унсурҳои обидию миллии тарбиявию ахлоқии ҷомеаи мо дар ҷаҳон ҳамто надорад, ки он асосан ба зан – модари тоҷик хос мебошад. Модарони мо тамоми ҳаёти худро ба оила ва нигаҳбонию тарбияи узви хонавода мебахшанд. Ин дар ҳолест, ки ин арзиш дар ниҳоди занони қисми зиёди кишварҳо дида намешавад, зимнан барои онҳо худситоишӣ, худпарварӣ ва фаъолияти касбӣ мавқеи авлавият дорад.

Яъне, маданияти волои тарбиявию ахлоқии мо – тоҷикон аз интихоби арзишҳо ва хирадмандии зан-модар вобаста мебошад. Маҳз хостагирии дурусти маънавии аҷдодӣ боис мегардад, ки имрӯз новобаста аз таҳдидҳои пайдарпайии берунӣ ҷомеаи мо пойдор монад ва рӯ ба устуворӣ мениҳад.

Нақши зан дар таълиму тарбияи фарзанд хеле бузург аст. Соҳибмаърифатӣ ва донишмандии зан, ин на танҳо кафили ташаккул ёфтани ҷомеаи солим ва комил мебошад, балки ба рушд ёфтани захираи инсонӣ ва пешрафти иқтисодию сиёсии мамлакат боис мегардад.

Чи тавре дида мешавад, иқтидори зеҳнии занон, аз ҷумла ҷавонзанон иқтидори маънавию фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодии заминавии оила ва ҷомеаро дар умум ташкил медиҳад. Имрӯз ҳамагӣ беш аз 26% олимонро (аз ҳисоби кормандони илмӣ) занон ташкил мекунанд, ки аз ин рақам ҳамагӣ бештар аз 11% докторони илм мебошанд.

Дар кишвар ба ҳолати имрӯза ҳудудан 4000 олимон ба қайд гирифта шудаанд, ки аксари онҳо ҳамчун корманди илмӣ дар муассисаҳои тадқиқотию таълимӣ фаъолият доранд ва ин рақам ҳамагӣ 25% кормандони илмиро ташкил медиҳад. Яъне, дар мамлакат ҳамагӣ аз ¼ ҳиссаи (чоряки) кормандони илмӣ олимонанд, дар ҳоле ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» корманди илмӣ (муҳаққиқ) – шахси воқеие мебошад, ки дар ташкилоти илмӣ, муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ё воҳиди сохтории ташкилоти илмӣ кор карда, дорои таҳсилоти олии касбӣ аст, натиҷаи фаъолияти илмӣ ва (ё) илмию техникиро ба даст меорад ва татбиқ менамояд. Зимнан, корманди илмӣ бояд таҳқиқотчӣ – олим бошад, мувофиқан тамоми кормандони илмии муассисаҳои тадқиқотӣ ва олии таълимӣ – 100% бояд олим бошанд.

Таҳлилҳо собит месозанд, ки шумораи таълимгирандагон, аз ҳисоби ҷавонзанон аз 48-49% дар муассисаҳои миёнаи таълимӣ то ба 36-37% дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ кам гардида, то ба муассисаҳои таҳқиқотӣ (ҳамчун корманди илмӣ) ба 26,3% мерасад.

Мутаассифона то ба имрӯз дар ҷомеа одатҳои кӯҳнашуда, қолабӣ ва хурофотие мавҷуданд, ки ба таълиму тарбияи дурусти духтарон монеа мегарданд.

Дар ин баробар тибқи мушоҳидаҳо кулли ҷавонон, аз ҷумла ҷавонзанон имрӯзҳо вақти зиёди худро дар амалҳои фароғатӣ мегузаронанд, ба монанди тамошои оинаи нилгун, гӯш кардани мусиқӣ, бозӣ дар шабакаи интернет, гуфтугӯи зиёд тариқи телефони мобилӣ ва барномаҳои интернетӣ ва ғайра. Ин ҳама хуб аст, аммо тибқи таҳлилҳои илмӣ вақти фароғат бояд то 17% вақти корӣ бошад, яъне ҳудудан 2 соат дар як рӯз.

Ҳамин тариқ, хулоса мегардад, ки бахри устувор гардонидани иқтидори зеҳнии ҷавонзанон мебояд ҳамаи институтҳои ҷомеа фаъол бошанд. Иштироки бевоситаи ҷавонзанон дар ташкили фаъолияти касбӣ-меҳнатии худ, маблағгузории соҳаи илм аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусӣ, ҳавасмандгардонии ҷавонзанон ва баланд бардоштани маърифатнокии волидон аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус кумитаҳои рушди маҳалла ва масъулиятнокии волидон дар тақдири ояндаи ҷавондухтарон аз тадбирҳои фаврӣ ба ҳисоб мераванд.

Мо мардуми шарқ, миллати тамаддунофар буда, чаҳорчӯбаи беҳтарин ва хоси таълиму тарбияи шарқиёнаи духтаронро, дар мисоли рисолаҳои назариявию илмӣ ва адабии гузаштагони худ соҳиб мебошем. Аз мо дида, ҷомеаи дигар кишварҳо аз ин дастовардҳо бештар истифода мебаранд ва рушд ёфта истодаанд. Моро зарур аст, ки одатҳои кӯҳнашуда, қолабӣ ва хурофотиро пас гузошта, ба хираду ақли комил такя карда, арзишҳои обидию миллии тарбиявию ахлоқиро ба роҳбарӣ гирифта, шароити ҷомеаи муосир, аз ҷумла пешрафти илму техника ва технологияҳои иттилоотиро ба инобат гирем, муқаррароти қонунгузорӣ ва анъанаҳои хоси миллии тамаддунофариро риоя намуда, бахри ташаккул ва рушди иқтидори зеҳнии ҷавонзанон, таҳкими неруи маънавии зан–модар ва ояндаи устувори ҷомеа, зимнан рушди илми тоҷик ва баборории навовариҳои муосир тадбирҳо андешем.

*Шуъбаи иттилоот ва матбуоти КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон*

# ҲИЗБЕ, КИ БУНЁДАШ ОРЗУВУ ОРМОНИ ХАЛҚ БУД



Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ташкилоти ҷамъиятии сиёсӣ буда, барои таҳкими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона, инчунин иқтисодиёти устувор, ки бахри беҳбудии ҷомеа нигаронида шудааст, фаъолият менамояд. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон чун созмони сиёсие татбиқи нафақат ормонҳои ҳазорсола, балки имрӯзу ояндаи мардумро ҳадафи аслии хеш мешумурд, ҷойгоҳи худро дарёфт, чаро ки дар давраҳои ҳассос ва ниҳоят душвор ҳамроҳи мардум ва халқ буданро аз ҷумлаи самтҳои асосии фаъолияти худ баргузид. Дар ҳифзи манфиатҳои халқу Ватан мавқеи устувор ва собит дошт. Ин маъниро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба таври зайл ифода намудааст: «Ҳизби Халқии Демократии Тоҷкистон дар давраи сарнавиштсоз ба фаъолият шурӯъ намуда, аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ барои устувориву пойдории сулҳ ва ободии Ватани азизамон кӯшиш ба харҷ дода, ҳадафи асосиаш низ ваҳдату ягонагӣ, таъмини ояндаи неки кишвар аст. Имрӯзҳо аъзои Ҳизби Халқии Демократии Токистонро ғояҳои умумӣ ва ҳадафҳои бузурге, ки ҳалли онҳо танҳо ба манфиати ҷомеа аст, муттаҳид менамоянд». Ин баҳои Раиси муаззами ҳизб ифодагари мароми ҲХДТ дар ҳамаи марҳилаҳои фаъолияташ арзёбӣ мешавад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъияте, ки дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, бахри тараққиёт ва инкишофи минбаъдаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳамкорӣ менамояд. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тарафдори ҳамкорӣ бо ҳама ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсию ташкилотҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои дигар мебошад, ки мақсадҳои барномавӣ ва оинномавии онҳо ба фаъолияти ҳизб мухолиф нестанд.

Чун саҳифаи таърихро варақ мезанем бохабар мегардем, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ормону хоҳиш ва орзуҳои сокинон дар пайравӣ аз дастуру ҳидоят ва ғамхориҳои падаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вуҷуд овардаанд. Ба ин васила ҷонибдорони ин ҳизб иродаи хешро ифода карда, ибтидои солҳи 90-уми асри гузашта аз пайдоиши қувваи нави сиёсие дарак доданд. Онҳо аз таҳлили ноороmиҳои кишвар ба сари хулосае омаданд, ки дар кишвари мо низоми коммунистӣ мавқеи худро аз даст додааст ва идеалогияҳои исломӣ ба манфиатҳои мардуми мо созгор нест. Ин гуна мафкураҳо нақши нерӯи пешбар ва созандаро иҷро карда наметавонанд. Ҳизбу ҳаракатҳое, ки охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми қарни 20 таъсис ёфта буданд, наметавонистанд мавқеи пешгомиро дар сиёсат дошта бошанд, чунки онҳо ба муҷиби қудратхоҳӣ, ки мутаасифона иродаи халқро аксаран сарфи назар мекарданду дар пайи татбиқи ҳадафҳои қувваҳои беруна буданд, обрӯи хешро дар байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ аз даст дода, аз нигоҳи мафкуравӣ ба ормону хостаҳои Тоҷикистон муваффақ намеомаданд.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки ҲХДТ дар якҷоягӣ бо аҳли ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо нишон додани ҳамрайъии комили миллӣ ва ҳизбӣ дар татбиқи ҳадафҳои олии оинномавӣ ва барномавии ҳизбӣ муваффақиятро нигоҳ дошта, фаъолияти созандагии худро ба василаи Истиқлолияти давлатӣ сулҳу суботи сартосарӣ, ҳамдигарфаҳмию пешрафт ба таҷлили ормонҳои демократии ҷомеа табдил хоҳанд дод.

*Сулаймон ҲОМИДОВ, донишҷӯи курси 5-уми ДДБ ба номи Носири Хусрав*

# СИТОДИ ПЕШАЗИНТИХОБОТИИ ҲҲДТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН АЗ ФАЪОЛИЯТИ ХУД НАТИҶАГИРӢ КАРД




Дар толори Кумитаи иҷрои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ҷиҳати ҷамъбасти фаъолияти ситодҳои пешазинтихоботии ХҲДТ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва натиҷагирӣ аз интихоботи вакилон бо иштироки аъзои ситоди вилоятӣ ҷаласаи ниҳоӣ доир гардид.

Дар ҷаласа иброз гардид, ки интихоботи рӯзи 1-уми марти соли 2020 бо риояи қонунҳои амалкунандаи мамлакат бо ширкати фаъоли интихобкунандагон дар сатҳи баланди сиёсӣ шаффофу демократӣ баргузор гардид.

Зикр шуд, ки рӯзи интихобот дар 1088 участкаҳои интихоботии худуди вилоят 50,7% аз шумораи умумӣ интихобкунандагони вилояти Хатлон ба ҷонибдории ХҲДТ раъй доданд.

Дар интихобот аз 14 номзаде, ки аз ҳавзаҳои якмандатӣ ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ХҲДТ дар вилояти Хатлон ба тариқи конференсияҳои ҳизбӣ пешбарӣ гардида буданд, 11 нафарашон муваффақ гардиданд. Дар 3 ҳавзаи якмандатӣ аз ҷумла Бохтар №26, Муъминобод №38 ва Восеъ №39 номзадҳои пешбаринамудаи ХҲДТ бинобар сабаби гирифтани шумораи ками овозҳо ба мақоми вакилӣ мушарраф нашуданд.

Ҳамчунин аз 69 номзаде, ки ба тариқи конференсияҳои ҳизбӣ ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон пешбарӣ гардида буданд, 65 нафарашон муваффақ шуда, ду номзад бо сабабҳои муайян номзадияшонро пас гирифтанд. Аз ҷумла, дар ҳавзаи Бохтар №3 ва ҳавзаи Кубодиён №40. Дар ҳавзаи Дӯстӣ №66 низ номзади пешбаринамудаи ХҲДТ бинобар сабаби гирифтани шумораи ками овозҳо ба вакилӣ мушарраф нагардид. Аммо дар ҳавзаи Бохтар №3 ва Кубодиён №39 аъзои ХҲДТ, ки бо тариқи худпешбарӣ номзадияшонро гузошта буданд, бо гирифтани аксарияти овозҳо ғолиб омаданд. Дар маҷмӯъ қисми зиёди овозҳоро номзадҳои пешбаринамудаи ХҲДТ дар интихоботи Маҷлиси вакилони халқи вилоят ба даст оварданд.

Дар робита ба интихоби вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо бошад, дар ҳудуди 944 ҳавзаи интихоботии шаҳриву ноҳиявии вилояти Хатлон аз ҷониби ХҲДТ номзадии 923 нафар ба тариқи конференсияҳои ҳизбӣ пешбарӣ гардида, 884 нафарашон муваффақ гардиданд. Ҳамчунин 18 нафар аъзои ХҲДТ, ки бо тариқи худпешбарӣ номзадии худро ба вакилии Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо пешбарӣ намуда буданд бо гирифтани шумораи зиёди овозҳо муваффақ шуданд. Дар маҷмӯъ 902 номзади ХҲДТ дар интихоботи вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо муваффақ шуданд.




***Шуъбаи иттилоот ва матбуоти КИ ХҲДТ дар вилояти Хатлон***

# ТАВАҶҶУҲ, ТАВАҶҶУҲ, ТАВАҶҶУҲ!

Идораи нашрияи “Ҳамрози халқ”-и Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар вилояти Хатлон бо мақсади рангоранг ва пурмазмунтар гардидани маводҳои нашрия аз тамоми хонандагону алоқамандон, сокинони фаъол даъват менамояд, агар пешниҳод, дархост ё тавсияҳои ҷолибе доранд, ки он ҷавобгӯи талабот бошад, бо тариқи хаттӣ ва шифоҳӣ ба почтаҳои электронии ***hkhdt_khatlon@mail.ru, akramov.a1977@mail.ru, alovudin.amirov.1993@mail.ru***, рақамҳои телефонии **(3222) 2-12-12, 2-15-05, 903222275** метавонанд, муроҷиат намоянд.

**БА ТАВАҶҶУҲИ** тавсиядиҳандагони идеяву пешниҳод ва дархостҳои ҷолибу боиси қабул мерасонем, ки беҳтаринҳо бо тухфаҳои сазовор аз ҷониби Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар вилояти Хатлон сарфароз гардонида мешаванд. Шитобед хонандагону алоқамандони гиромии нашрияи ҳизбии **“ҲАМРОЗИ ХАЛҚ”!!!**



# ҶАҲОН ДАР ЯК ҶУМЛА

►Бино ба иттилои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, то 1 марти соли равон дар сатҳи ҷаҳон 88 ҳазору 948 (1804 мавриди ҷадид) нафар ба «вируси тоҷдор» гирифтор шудаанд.

►Мувофиқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ) рӯзи душанбе, дар 61 давлат 8 739 ҳолати сироёятшавӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз он 127 нафар фавтидаанд.

►Шумораи гирифторони бемории COVID19 дар Чин ба 80 ҳазору 174 (206 мавриди ҷадид) расида, теъдоди фавтидагон ба 2915 нафар (42 мавриди ҷадид) расидааст.

►Дар вилояти Кундузи Ҷумҳурии исломии Афғонистон бар асари як таркиш 15 сокини осоишта ба ҳалокат расида, чанд каси дигар ҷароҳат бардоштанд.

►Дар 31 минтақаи Кения бар асари боришоту обхезӣ ва фаромадани ярч 120 нафар ба ҳалокат расида, даҳҳо каси дигар захмӣ гардиданд.

►Дар соҳилҳои Испания кормандони сохторҳои қудратӣ аз як киштии зериобӣ сеюним тонна какаинро ёфт ва мусодира намуданд.

►Сукути ҳавопаймои хурд дар шаҳри Кингстони музофоти Онтариои Канада боиси марги ҳафт нафар, аз ҷумла ду кӯдак гардид.

►Шумораи ҳалокшудагон бар асари заминларзаи харобиовар дар шаҳрҳои Дуррес ва Каваяи Албания ба 46 нафар расидааст.

►Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоии Ҷумҳурии исломии Афғонистон дар вилоятҳои Урузгон, Зобул ва Ҳилманд қароргоҳи гурӯҳҳои силоҳбадастро мушакборон карданд.

►Сукути чархболи ҳарбӣ дар штати Миннесотаи Штатҳои муттаҳидаи Америка сабаби марги се хизматчии ҳарбӣ гардид.

►Дар минтақаи Аргхакханчи Непал дар натиҷаи садамаи автобус қариб 20 мусофир ба ҳалокат расида, даҳҳо каси дигар ҷароҳат бардоштанд.

►Бар асари сӯхтор дар як бинои меҳмонхонаи панҷошёнаи шаҳри Баколоди Филиппин наздики 10 нафар ҳалок гардиданд.

►Дар Ҷумҳурии исломии Афғонистон шумораи кӯдакону навраcон, ки аз таҳсил дур мондаанд, ба 4 миллион нафар расидааст.

►Дар қисми ҷанубу шарқии Марокаш аз қочоқчиён 1 тоннаву 138 кило моводи нашъаовари навъи марихуана ёфт ва мусодира карда шуд.

►Давоми чанд моҳи охир дар кишварҳои Африқои шарқӣ бар асари боришот ва обхезӣ 280 нафар ба ҳалокат расидааст.

►Додгоҳи Бангладеш ба 7 нафар барои анҷом додани амалҳои террористӣ дар соли 2016 ҳукми қатлро раво дидааст.

►Дар штати Техаси Штатҳои муттаҳидаи Америка бар асари таркиш дар корхонаи кимиёвӣ 6 ҳазор аҳолиро ба ҷойҳои бехавф кӯчондаанд.

►Теъдоди ҳалокшудагон бар асари заминларза дар шаҳрҳои Дуррес ва Қаваяи Албания ба 33 нафар расида, 650 каси дигар ҷароҳат бардоштанд.

**ҲАМРОЗИ ХАЛҚ**

**Муассис:**
Кумитаи иҷроияи ХҲДТ дар вилояти Хатлон

**Сармуҳаррир:**
**Маҳмадалӣ АКРАМОВ**

**Котиби масъул:**
**Аловуддин АМИРЗОДА**

**Ҳайати мушовара:**
**Қурбон ҲАКИМЗОДА, Фирӯза БӮРИХОНЗОДА, Ғазалшо САФАРЗОДА, Миралиён ҚИЁМИДДИН**

**Ҳайати таҳририя:**
**Зебо БОЗОРОВА, Ҳусейн САИДОВ**

***Тарроҳ:***
***Хусрав МАЗОРИЕВ***

Дар нашрия ба хотири чандандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ ва КИ ХҲДТ дар вилояти Хатлон метавонанд мувофиқат накунанд ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад.

Аксу дархост ва номаҳо ба муаллифонашон баргардонда намешаванд. Ба дурустии далелу арқоме, ки дар номаҳои расида ва эълону рекламаҳо истифода шудаанд, муаллифонашон масъулият доранд.

Нашрия таҳти рақами 627 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.



**Суроға:**
735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ-47,
тел: 8 (3222) 2-82-92, 2-70-70

Чопхонаи ҶДММ «Шоҳин-С», ***теъдод: 19160 нусха***